**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 15сентябри соли 2020** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 таҳқиқоти диссертатсионии Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ). (Роҳбари илмӣ – Самадов Бахтиёр Одилҷонович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон) пешниҳод шудааст, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Меликов У.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калон Сидиқов Д.А., баромади аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: профессорон Муртазозода Ҷ.С., Тағойназаров Ш.Т., Ғаюров Ш.К.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст.

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

**1.** Диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

**2.** Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

**3.** Ба Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

**4.** Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалиро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**